# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

.

Бо Фармоиши Директори Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28.04.2010. №12 тасдиқ карда шудааст

**Ба махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои Шумо кафолат дода мешавад**

## Дастурамал
## оид ба тартиб додани ҳисоботи ҳармоҳа дар бораи фурӯш ва бақияи молҳо аз рӯи шакли №3 - савдо (мухтасар)

### 1. Қоидаҳои умумӣ

Ташкилотҳои савдо ва корхонаҳои хӯроки умумии ҳамаи шаклҳои моликият, ташкилотҳои Тохикматлубот, инчунин шабакаҳои фирмавии савдои вазорати саноат ва энергетика, идораҳо ва дигар ташкилотҳое, ки шабакаи савдо доранд, ҳисоботро аз рӯи шакли №3-савдо (мухтасар) пешниҳод менамоянд.

ҳисобот ба таври қатъӣ ва ҷиддӣ барои моҳи ҳисобот (на ба тартиби ҷамъбасти афзоянда аз аввали семоҳа ё сол) тартиб дода мешавад.

2. Дар ҳисоботи шакли №3-савдо (мухтасар) аз рӯи ҳамаи молҳо, сарфи назар аз манбаъҳо ва воридшавӣ маълумотҳо ворид карда мешаванд.

Дар ҳисобот фурӯши амалии молҳо аз рӯи арзиши пурраи моли фурӯхташуда (бо миқдор) дохил карда мешавад.

3. ҳисоботи тартиб додашуда пеш аз пешниҳоди вай бояд бо диққат таҳлил шуда бошад, бо ҳисоботи моҳи гузашта санхида ва муқоиса карда шуда бошад. ҳамаи тағийроте, ки дар натихаи гузаронидани тартиботи аниқ кардани нишондиҳандаҳои моҳи гузашта ворид карда шудаанд, ҳатман ба мақомоти омори давлатӣ аз тарафи ташкилотҳои болоӣ ҳангоми пешниҳоди ҳисоботи оянда хабар дода мешавад.

4. ҳисобот бо имзои шахси масъул бо мактуби ҳамроҳ кардашуда пешниҳод карда мешавад. Дар ин маврид, дар ҳолати якбора зиёд ё кам шудани фурӯш ё бақияи молҳои ҷудогона нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта ва ба моҳи гузаштаи соли ҳисобот, сабабҳоро шаҳр додан лозим аст.

5. ҳисобот аз ду фасл иборат аст:

«Фурӯш ва бақияи молҳои озуқаворӣ дар анборҳо, дар шабакаҳои чакана ва корхонаҳои хӯроки умумии кооператсияи истеъмолӣ»;

«Фурӯш ва бақияи молҳои ғайриозуқаворӣ дар анборҳо ва шабакаҳои чакана дар охири моҳ» (дар ду моҳи аввали семоҳа пур карда мешавад).

Тарзи пур кардани шакли №3-савдо (мухтасар) дар корхонаву ташкилотҳои савдо: маълумотҳо дар бораи ҳар кадоме аз молҳо дар ҳисобот ба таври ҳатмӣ бо ҳамон воҳидҳои ченаке, ки дар варақаҳо нишон дода шудаанд, дохил карда мешаванд. Дар фасли 1 «молҳои озуқаворӣ» ва дар фасли 2 «молҳои ғайриозуқаворӣ» маълумотҳо бо шумораи бутун (бе аломати даҳӣ) оварда мешаванд.

Маълумотҳои ҳисобот бояд пурра мутобиқи феҳрасти молҳое, ки дар молгардиши чакана ба ҳисоб гирифта шудаанд, пур карда шаванд, зеро номнависи молҳо ба тафсил

нишон дода мешавад, ки ба ин ё он гурӯҳи молӣ дохил мешаванд, мазмуни гурӯҳи молҳое, ки дар шакли №3-савдо (мухтасар) ба ҳисоб гирифта мешаванд, бояд бо мазмуни ҳамон гурӯҳе мувофиқат кунанд, ки дар ҳисоботи шакли №3-савдо (семоҳа) ба ҳисоб гирифта шудаанд. ҳамаи молҳои гӯштин ва моҳӣ дар ҳисобот бо вазни натуралӣ бе гузаронидан ба гӯшту моҳӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 105 «моҳии шер» бояд шӯрмоҳӣ ва вазни ҳамаи намудҳои коркард ба ҳисоб гирифта шаванд.

ҳамаи консерваҳои гӯштин ва моҳӣ (сатрӣ 106) бо ҳазор қуттии шартӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Қуттие, ки зарфияташ 353,4 см мукааб (яъне тақрибан ба 350 грамм баробар) аст, қуттии шартӣ ҳисобида мешавад.

Дар сатри «Маснуоти қаннодӣ» мураббо, ҷем, мураббои ғафс (повидло), асал, шираро дохил кардан лозим нест.

Дар сатри 128 «Арақ ва маснуоти ликёру арақ» ҳамаи навъҳои арақ, савдо дар мавридҳои ҷудогона спирти гирифтаи ташкилотҳои савдо ба ҳисоб гирифта мешавад. Хотирасон кардан зарур аст, ки спирт ҳамчун арақ (1 декалитр спирт ба 2,5 декалитр арақ баробар аст) дар ҳисобот дохил карда мешавад.

Дар ҳамин сатр низ маснуоти ликёру арақ: ликёрҳо, шароби олуболу, шираи-қиёми бобуна (ромашка), шароби найшакар (ром), виски, нӯшокии спиртдор, ки аз шароб бо оби ҷӯш, шарбати лимӯ ва ғайра омехта карда (пунш) таёйр карда мешавад, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар сатрҳои 231-232 «Газворҳои пашмин ва рӯймолҳо» ҳамаи намудҳои матоъҳои пашмин, кампалҳои пашминӣ ва нимпашмин, инчунин рӯймолҳои пашмин нишон дода мешаванд.

Дар сатри 234 «Газворҳои абрешимӣ» ҳамаи намудҳои матоъҳои абрешимӣ чӣ дар намуди натуралӣ, чӣ аз матои маснуӣ (сунъӣ), чӣ аз ресмони сунъӣ ва чӣ аз дигар наххо, аз ресмонҳои синтетикӣ ва ресмонҳои синтетикӣ бо дигар нах омехта, инчунин маснуоти донагии аз матоъҳои абрешимии лабгардон накардашуда-нодӯхта дохил карда мешаванд.

Дар сатри 241 «Маснуоти кашбофӣ-ҳамагӣ» ҳамаи маснуоти кашбофӣ: кашбофии болопеш, зерпеш ва дигар маснуоти болопеши кашбофӣ (гарданбанд, каллапеш, дастпешакҳо ва ғайраҳо) бояд ба ҳисоб гирифта шаванд.

Дар гурӯҳи «Маснуоти тамоку» низ тутун (махорка) дохил карда мешавад.

Дар мавриди пур кардани сатри «Гӯгирд» ба назар гирифтан лозим аст, ки барои ҳисоби воҳиди гӯгирд сандуқи шартӣ, ки 50 ҳазор гӯгирд дорад, яъне сандуқе, ки зарфияти он ҳазор қуттӣ мебошаду дар вақти пур будани сандуқ бояд 50 ҳазор гӯгирд мавҷуд бошад, сандуқӣ шартӣ қабул карда мешавад.

7. Андози фурӯши чакана аз рӯи молҳои ҷудогона дар гурӯҳи молҳо бо роҳи ҳисобу китоби тарозӣ (балансӣ) дар асоси маълумотҳои ҳуҷҷатишуда дар бораи захираи молҳо дар аввал ва охири давраи ҳисобот, маълумотҳо дар бораи ворид шудан ва хароҷоти молҳое, ки ба фурӯши бозорӣ тааллуқ надоранд, муайян карда мешаванд.

Барои дуруст пур кардани сутуни 1 дар бораи фурӯш ва хориҷ шудани молҳо дар як моҳ, сутуни 2 дар бораи бақияи молҳо дар охири моҳ зарур аст, ки пешакӣ дар хадвалҳои таҳия кардашуда аз рӯи ҳар кадом мол аз рӯи нақшаи зерини тарози (баланси) молӣ анҷом дода шавад;

а) захираи молҳо дар аввали давраи ҳисобот;

б) ворид шудани молҳо дар давраи ҳисобот;

в) хароҷоти ҳуҷҷатишуда, ки молгардиши чакана намебошад;

г) фурӯши чакана ва дигар хароҷоти ҳуҷҷатинашуда;

д) захираи молҳо дар охири давраи ҳисобот.

Андозаи фурӯши чакана аз рӯи гурӯҳҳои ҷудогонаи молӣ бо роҳи хулосабарорӣ (тарозӣ) мутобиқи формулаи а + б – в – д = г муайян карда мешаванд.

8. Дар ташкилотҳои савдо, маълумотҳо дар бораи бақияи (сутуни 2) мавҷудбудаи амалии молҳо дар охири моҳи ҳисобот дар шабакаҳои савдои чакана, дар корхонаҳои

хӯроки умумӣ, инчунин дар ҳамаи захираҳо (базаҳо) ва анборҳое, ки ба ташкилотҳои савдои чакана ва ташкилотҳои хӯроки умумӣ тааллуқ доранд нишон дода мешавад. Дар кооператсияҳои истеъмолӣ амалан мавҷуд будани молҳо дар шабакаҳои савдои чакана, аз он ҷумла бақия дар анборҳои тақсимкунанда дар захираҳои (базаҳои) яклухтфурӯшӣ нишон дода мешаванд, бақияи маҳсулоти дар корхонаҳои хӯроки умумии кооператсияҳои истеъмолӣ дар ин ҳисобот инъикос карда намешаванд.

Ба ҳисобгирии захираи молӣ бояд мувофиқи дастурамал оид ба ҳисобгирии молгардиши чакана ва захираи молҳо дар савдо анҷом дода шавад.

**Дар бақияи молҳо ба ҳисоб гирифта мешавад:**

амалан мавҷуд будани молҳо дар шабакаҳои савдои чакана (мағозаҳо, декончаҳо, ларёкчаҳо, киоскҳо, дар шабакаҳои ҳамлу нақли молҳо).

Андозаи бақияи молҳо дар анборҳо ва корхонаҳои захиракунандаи савдои чакана ва хӯроки умумӣ ҳангоми мавҷуд будани рӯйхат (инвентаризация) дар санаи ҳисобот аз рӯи маълумоти инвентаризацияи мазкур ба ҳисобот ҳамроҳ карда мешаванд.

9. Дар сутуни 1-и ҳисобот фурӯши молҳо ба аҳолӣ аз шабакаҳои савдои чаканаи ташкилотҳое, ки ин ҳисоботро тартиб медиҳанд, ва аз корхонаҳои хӯроки умумӣ (дар кооператсияҳои истеъмолӣ-фурӯши молҳо ба аҳолӣ аз шабакаҳои чакана) нишон дода мешавад. Барои ҳисоби андозаи фурӯши ташкилотҳои савдо бояд пешакӣ маълумотҳои ёридиҳанда-муайян карда шаванд «ба хӯроки умумӣ ба корхонаи истеҳсолии худ дода шудааст ва дигар хароҷоти ҳуҷҷатӣ кардашуда, ки ба фурӯши чакана тааллуқ надоранд».

**Эзоҳот**. Дар таркиби хароҷоти ҳуҷҷатӣ кардашуда на арзиши ҳамаи молҳои, ки аз нав кор карда шудаанд ва дар намуди маснуоти тайёр барои фурӯш дар савдои чакана ба ташкилотҳои савдо додашудаанд, яъне арзиши молҳои барои коркард бо ҳисоби иловагии арзиши молҳои додашуда, ки аз рӯи маълумотҳои ин корхонаҳо дар охири соли ҳисобот коркард нашуда мондаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

ҳамаи хароҷотӣ ҳуҷҷатӣ кардашуда дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки намудҳои ҷудогона дар ин хароҷот дар ҳуҷҷат ба масраф (списание) расидаанд (борхати масраф, ҳисоб, актҳо ва ғайра) муайян карда мешаванд.

**Эзоҳот**. Дар савдои чакана аз рӯи фурӯши молҳо аз тарафи ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳо (ҳамон тавре, ки гардиши хурду яклухт номида мешаванд) ҳисобҳо навишта мешаванд. Аммо ин ҳуҷҷатгузории хароҷот, молгардиши чакана мебошад, бинобар ин, набояд ба маълумотҳо дар бораи дигар хароҷоти ҳуҷҷатӣ кардашуда дохил карда шавад.

Хароҷоти ҳуҷҷатӣ кардашудае, ки фурӯши чакана намебошад, аз рӯи гурӯҳҳои ҷудогонаи молҳо бояд аз маълумотҳои ба ҳисобгирифтаи дар бораи воридшавии молҳо хориҷ карда шавад. Баъдан фурӯш аз рӯи гурӯҳҳои ҷудогонаи молҳо аз рӯи нақшаи зерин бо тарозӣ (балансӣ) ҳисоб карда мешавад: бақияи молҳо дар оғози моҳ ҷамъи молҳои воридшуда дар як моҳ (бо ҳисоби иловагии хароҷоти ҳуҷҷатӣ кардашуда, тарҳи бақия дар охири моҳ баробар мешавад ба фурӯш дар як моҳ (сутуни 1-и ҳисобот).

Дар ҳисоботи кооператсияи истеъмолӣ маълумотҳо дар бораи хароҷоти маҳсулот дар корхонаҳои хӯроки умумӣ дар сутуни 3-и фасли 1-и ҳисобот нишон дода мешаванд.

Дар ҳамин сутун мутобиқи системаи кооператсияи истеъмолӣ ҳамроҳ карда мешавад:

миқдори маҳсулоте, ки дар ошпазхона ва дар тарабхонаҳо, ошхонаҳо, қаҳвахонаҳои ёрирасони истеҳсолӣ ва ғайраҳо хароҷот шудааст. Дар коркарди маҳсулоти истеҳсоли худӣ;

фурӯши молҳои харидашуда ба воситаи буфет ва шабакаи чаканафурӯшӣ, ки ба корхонаи хӯроки умумӣ тааллуқ дорад.

Хароҷоти маҳсулот дар истеҳсолоти худӣ дар асоси борхат оид ба содир намудани молҳои корхонаи захиракунанда муайян карда мешавад. Фурӯши молҳои харидашуда ба воситаи буфет ё шабакае, ки ба корхона тааллуқ дорад, бо роҳи хулосабарорӣ аз рӯи нақшаи зерин муайян карда мешавад: бақияи молҳо дар аввали моҳ ҷамъи молҳои воридшуда дар моҳи ҳисобот, тарҳи бозгашти молҳо ба анбор, тарҳи бақия дар охири моҳ.

Маълумоти соддаи ҳисоботи корхонаи хӯроки умумӣ дар бораи хароҷоти маҳсулот мисли молгардиш оид ба маҳсулоти алоҳида ҳисоби такрориро дар бар мегирад. Бинобар ин, ҳангоми тартиб додани ҳисоботи ҷамъбастӣ дар бораи хароҷоти маҳсулот дар ташкилот умуман кешиш кардан лозим аст, ки ҳисоби такрорӣ сурат нагирад.

ҳисоби такрорӣ дар дохили ташкилот оид ба хароҷоти маҳсулот танҳо аз ҳисоби маҳсулоти нимтайёри гирифтаи ташкилот аз корхонаи хӯроки умумии худи ташкилот ба вухуд меояд, бинобар ин, зарур аст, ки корхонаҳо дар намуди тасдиқнома (справка) илова ба ҳисоботи маълумотҳо дар бораи аз корхонаи хӯроки умумии ташкилоти худашон гирифташуда аз рӯи намудҳо: маҳсулоти нимтайёри гӯштин ва моҳӣ ва ғайраҳо пешниҳод намоянд, дар ин маврид дастурамалро оид ба тартиб додани ҳисобот аз рӯи хӯроки умумӣ (шакли №4-савдо) ба роҳбарӣ гирифтан зарур аст.

10. ҳаракати молҳо дар дохили ташкилоти мазкур (супурдани молҳо аз анборҳо ба мағозаҳо, аз як мағоза ба мағозаи дигар, аз мағоза ба анбор ва ғайра) дар ҳисобот инъикос карда намешавад.

11. Дар ҳисобот аз рӯи шакли №3-савдо (мухтасар), ки ташкилотҳои савдо тартиб медиҳанд, дар бораи фурӯш ва бақияи молҳо аз рӯи ҳамон корхонаҳои поёнӣ, ки ба ташкилот итоат менамоянд (шабакаҳои чаканафурӯшӣ, корхонаҳои хӯроки умумӣ, анборҳо ва дигар корхонаҳо) бояд пурра инъикоси маълумотҳои ҳисоботро таъмин намоянд.

12. Роҳбари ташкилоти ҳисоботдиҳанда ҳисоботи тартиб додашударо имзо мекунад, поёнтар ному насаби тартибдиҳандаи ҳисобот ва рақами телефони ӯ нишон дода мешавад.

Барои дурустии маълумотҳо ва риояи мӯҳлати пешниҳоди ҳисобот роҳбари ташкилоти ҳисободиҳанда ҷавобгар мебошад.